**Суратҷаласаи № 17-и**

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.

аз 23 апрели соли 2024

**Иштирок доштанд:**
аз 15 нафар аъзои Шурои
диссертатсионӣ 12 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

23 апрели соли 2024, соати $13^{30}$ дар толори Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067 баргузор гардид. Вақти анҷоми маҷлис: $15^{00}$

**Раиси маҷлис**: доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

**Котиби илмӣ**: доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

**РӮЗНОМА:**

Ҳимояи диссертатсияи **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф. шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Ҳомидов Дилмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2. **Амлоев Аминҷон Ятимович –** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Котиби илмии Шуро дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Гузориши **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** оид ба мухтаво ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ шунида шуд.

Диссертант ба саволҳои аъзои Шуро, докторони илмҳои филологӣ – Раҳматуллозода С., Суфизода Ш., Мақсудов Б., Солеҳов М. ва Шарифзода Ф. ҷавоб дод.

**Роҳбари илмӣ** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои ДДТХ Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби илмии Шуро матни тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшударо хонд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои автореферат ҷавоб дод.

Гузориши муқарризони расмӣ - **Ҳомидов Дилмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон шунида шуд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Докторони илмҳои филологӣ Султон Ҳасан Баротзода, Раҳматуллозода С., Суфизода Ш., Мақсудов Б. ва Шарифзода Ф. андешаҳои худро ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ баён дошта, диссертатсия, автореферат ва дастоварду натиҷаҳои илмии довталабро баррасӣ намуданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ – докторони илмҳои филологӣ Султон Ҳасан Баротзода, Раҳмонов Р. ва Солеҳов М. шомил гардиданд.

Аз 15 нафар аъзои Шуро 12 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, муқобил – 1, бетараф – нест.

Аъзои Шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шурои диссертатсионӣ дар бораи ба **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

# ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**аз 23.04.2024** **ш. Душанбе**

Гузориши **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар, гузориши муқарризони расмӣ - **Ҳомидов Дилмурод** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ докторҳои илм С.Ҳ.Баротзода, Раҳматуллозода С., Суфизода Ш., Мақсудов Б. ва Шарифзода Фарангисро шунида, баррасӣ карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович**

### ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дода шавад.
4. Ба додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.

23.04.2024